**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р.**
**________________**
**«___» июли соли 2026**

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси дараҷаи илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, Душанбе 2026, 171 саҳ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Таваҷҷуҳ ба равишҳои тозаи таҳлилу таҳқиқ дар адабиётшиносии тоҷик тайи солҳои ахир рӯ ба афзоиш аст. Баррасии меъёрҳои мутафовити таҳлили осори адабӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ин соҳа маҳсуб мешавад. Ба ҳамин хотир, диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода ба як масъалаи дорои аҳаммияти хос бахшида шуда, диссертант дар раванди пажуҳиш ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст. Мавзуи интихобшуда аз ҷумлаи мабҳасҳои камошно дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

Дар диссертатсия бори нахуст андешаҳои адабию назарии Аҳмади Дониш ба таври бонизом ва фарогир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Арзиши илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки он ҷойгоҳ ва нақши афкори адабии мутафаккирро дар ташаккули андешаҳои назарии адабиёти тоҷик равшан сохта, барои такмили омузиши таърихи танқиди адабӣ ва назарияи адабиёти тоҷик заминаи илмии муносиб фароҳам меорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Аз ҷониби муаллифи кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки адабиётшиносии муосири тоҷик бар пояи анъанаҳои мустаҳками назариявӣ ва таҷрибаи ғании пешгузаштагон ташаккул ёфта, дорои имкониятҳои васеъ барои таҳлилу арзёбии мероси адабии тоҷику форс мебошад. Яке аз хусусиятҳои умдаи илми адабиётшиносии миллӣ дар

он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои назарию адабии он на танҳо дар осори тахассусии суханшиносӣ, балки инчунин дар осори адабию бадеии намоёнтарин сухансароёни тоҷику форс изҳор гардидаанд. Аз ин хотир, ҷамъоварӣ, таҳлил, таҳқиқ ва муқоисаи ин афкор бо андешаву назари донишмандони соҳа аз масоили ҳамешагии илми адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Дар ҳамин замина, унвонҷуй мавҷудияти як холигии таҳқиқотиро дар омузиши ҳамаҷонибаи мероси адабӣ-назарии яке аз машҳуртарин намояндагони фарҳанги тоҷик - Аҳмад Махдуми Дониш таъкид менамояд.

Аҳмади Дониш ҳамчун мутафаккири барҷаста нисбат ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабӣ мавқеи мустақили назарӣ дошт ва ҳадафи асосии ӯ ислоҳи тафаккури ҷомеа тавассути густариши илму маориф ва фарҳанг буд. Бо вуҷуди ин, андешаҳои ӯ масъалаҳои назарӣ ва амалии адабиётро низ фаро гирифта, дар осораш тавассути шеър, наср ва истифодаи густурда аз мероси суханварони гузашта таҷассум ёфтаанд. Дар иртибот бо воқеияти таърихию иҷтимоии замони зиндагии мутафаккир на танҳо ҷаҳонбинии сиёсӣ ва таърихии ӯ, балки хусусиятҳои ҳунарии эҷод, тарзи нақл, бадеият ва шеваҳои образофариниаш низ ташаккул ёфта, барои зуҳури андешаҳои нақдию назарии вай заминаи мусоид фароҳам овардааст. Бо вуҷуди ин, андешаҳои адабию назарии Аҳмади Дониш то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик ба таври бонизом ва фарогир мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд ва ҳамин масъала **мубрамияти мавзуи** диссертатсиониро фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва ҷамъоварии афкори ӯ на танҳо барои пур кардани ин холигии илмӣ, балки барои равшан намудани ҷараёни инкишофи андешаҳои адабӣ дар асрҳои XVI–XIX аҳаммияти махсус дорад ва ҳамчун **иқдоми муҳимми илмӣ** арзёбӣ мешавад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Таърихи адабиёти тоҷик дар заминаи омӯзиши масъалаҳои каломи бадеъ, назарияи адабиёт ва танқиди адабӣ дорои анъанаи дерина ва таҷрибаи ғании илмӣ мебошад. Дар илми адабиётшиносӣ пазируфта шудааст, ки ҳамзамон бо ташаккули адабиёти бадеӣ афкори назарӣ ва арзёбиҳои интиқодӣ низ ба вуҷуд омаданд ва тадриҷан аз доираи мулоҳизаҳои парокандаи шоирон берун рафта, ҳамчун бахши мустақили донишҳои адабиётшиносӣ ташаккул ёфтаанд. Дар ҳамин замина, таҳқиқи афкори адабию назарии Аҳмади Дониш аҳаммияти махсуси илмӣ дошта, пажуҳишу таҳлили маводи гирдоваришуда унвонҷуро ба ин хулоса расонидааст, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар рушди минбаъдаи

назарияи адабиёти тоҷик, таърихи танқиди адабӣ ва омузиши афкори адабии миллӣ, инчунин ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, курсҳои махсус ва анҷом додани таҳқиқоти илмии минбаъда мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, хулосаҳои диссертатсия барои бознигарии масъалаҳои рушди афкори назарии адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI–XIX, ки то имрӯз ба таври муназзам ва мустақил мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд, заминаи боэътимоди илмӣ фароҳам меоранд. Хулосаю пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ натиҷа ва бардошт аз масоили дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳшуда мебошад, ки дорои асос ва ҷанбаи қавии илмист.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Навгонии илмии диссертатсия бо далелҳои мушаххас асоснок гардидаанд ва онҳо саҳми таҳқиқро дар рушди адабиётшиносии тоҷик ба таври саҳеҳ нишон медиҳанд. Аз ҷумла, диссертатсия нахустин кӯшиши муназзам дар ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлили илмии афкори адабӣ ва назариявии Аҳмади Дониш маҳсуб мегардад, зеро то ба ин ҳол онҳо ба таври пароканда дар осори мутафаккир маҳфуз буданд ва дар шакли як пажуҳиши илмӣ фароҳам оварда нашуда буданд. Акнун маводи зарурии таҳлилӣ дар ин мавзуъ фароҳам аст ва дар хизмати аҳли таҳқиқ қарор дорад.

Дар баробари ин, арзиши илмии таҳқиқ дар муайян намудани ҷараёни аҳмадидонишшиносӣ, таҳқиқи заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ташаккули андешаҳои адабии мутафаккир, инчунин таҳлили назарияи ӯ дар бораи мафҳумҳои «шеъри комил» ва «шоири комил» зоҳир мегардад. Ин дастовардҳо доираи донишҳои мавҷударо дар бораи мероси адабӣ ва назариявии Аҳмади Дониш васеъ намуда, барои таҳқиқоти минбаъдаи таърихи афкори адабии тоҷик заминаи боэътимоди илмӣ фароҳам меоранд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия**. Таърихи адабиёти тоҷик дар заминаи таҳқиқи масъалаҳои сухани бадеӣ, назарияи адабиёт ва танқиди адабӣ дорои собиқаи тулонӣ ва суннатҳои ғании илмӣ мебошад. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки пайдоиш ва ташаккули назарияи адабиёт ва танқиди адабӣ ба замони зуҳури худи адабиёти бадеӣ рост меояд. Андешаҳои назарӣ ва арзёбиҳои интиқодӣ нахуст дар гуфтору осори шоирон, аз ҷумла дар байту бандҳои шеърӣ, таҷассум ёфта, баъдан ҳамчун бахши мустақили донишҳои адабиётшиносӣ дар осори донишмандон ташаккул ва рушд кардаанд. Ин ҷанбаи масъалаҳои назарии адабиётшиносии тоҷикро ба инобат гирифта, унвонҷуй омӯзиши афкори адабию назарии Аҳмади Донишро идомаи мантиқии ин суннати илмӣ

маҳсуб медонад, ки натиҷаҳои он метавонанд дар густариши донишҳои марбут ба ҳунари сухан, назарияи адабиёт ва танқиди адабии тоҷик саҳми назаррас гузоранд. Дар раванди таҳқиқ андешаҳои Аҳмади Дониш оид ба масъалаҳои гуногуни сухани бадеӣ, шеър, шоирӣ, эҷоди бадеӣ ва дигар масоили адабӣ аз осори мухталифи ӯ истихроҷ ва ба таври муназзам таҳлилу арзёбӣ шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада маводи арзишманди илмӣ ва таълимиро барои таҳқиқоти минбаъдаи назарияи адабиёт ва танқиди адабии тоҷик фароҳам меорад. Ҳамчунин, маводи таҳлилшуда барои омузиши масъалаҳои назарияи адабиёти тоҷик дар доираи адабиёти асрҳои XVI–XIX аҳаммияти махсус дошта, метавонад барои таҳқиқи ин марҳилаи муҳими таърихи афкори адабӣ, ки то имрӯз ба таври мустақил ва фарогир мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст, заминаи мусоиди илмӣ фароҳам оварад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои кори диссертатсионии Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода аз чанд ҷиҳат эътимоднок мебошанд. Қабл аз ҳама, натиҷаҳои мушаххаси ҳар боб бо далелҳои муътамад ва илмӣ, ки дар заминаи ҷустуҷу, таҳлил, баррасӣ, накд, мубоҳисаву муҳокима ва муқоиса ба даст омадаанд, ба назар мерасанд. Кори диссертатсионӣ бо барномаҳои илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар ҳар бобу фаслҳои он мубоҳисаҳои судманди илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба мушоҳида мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ асоси илмӣ дошта, натиҷаҳои таҳқиқ ба шакли ҷомеъ дар 13 банд манзур шудаанд ва қобили эътимоду дорои асоси илмӣ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷуй дар таҳқиқи мавзуи марказии диссертатсия ба таври возеҳ манзур аст. Муаллиф бо омузиши ҳамаҷонибаи осори дастраси Аҳмади Дониш тавонистааст андешаҳои адабӣ ва назарии ӯро аз миёни осори гуногун ҷудо намуда, онҳоро бори аввал ҳамчун объекти мустақили таҳқиқ мавриди тасниф ва таҳлили илмӣ қарор диҳад. Ин равиш аз мустақилияти илмӣ ва саҳми воқеии довталаб дар ҳалли масъалаи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, тамоми таҳлилҳо, ҷамъбастҳо ва хулосаҳои илмии пешниҳодшуда натиҷаи фаъолияти мустақилонаи муаллифи диссертатсия мебошанд. Аз ин рӯ, саҳми шахсии муҳаққиқ дар таҳияи асосҳои назариявӣ, таҳлили маводи илмӣ ва баровардани натиҷаҳои таҳқиқ назаррас буда, арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам тақвият мебахшад.

**Интишорот дар мавзуи диссертатсия ва сохтори он**. Маълумоти пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқ пеш аз ҳимояи диссертатсия дар муҳити илмӣ мавриди муаррифӣ қарор гирифтаанд. Интишори ҳафт мақолаи илмӣ, аз ҷумла чор мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз санҷиш ва эътирофи натиҷаҳои таҳқиқ дар доираҳои илмӣ шаҳодат дода, сатҳи илмии корҳои анҷомдодашударо тасдиқ менамояд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Осори Аҳмад Махдуми Дониш, ки аз ҷониби унвонҷуй ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, баёнгари он аст, ки таҳқиқ ба гунаи шоиста анҷом шуда, бахши асосии он, яъне аз осори гуногунҷабҳаи мутафаккир ҷудо намудани андешаҳои назарӣ ва адабии ӯ, мавриди таҳқиқи густурда қарор додан ва кушодани мазмуну мафҳуми истилоҳии онҳо, маводи қобили арзиши баланди илмӣ маҳсуб мешавад.

Дар иртибот бо воқеияти таърихию иҷтимоии замони зиндагии мутафаккир, ҷаҳонбинии сиёсӣ ва таърихии ӯ, кашф ва таҳқиқи хусусиятҳои ҳунарии эҷод, тарзи нақл, бадеият, шеваҳои образофаринии донишмандро ҳамчун сарчашмаи зуҳури андешаҳои нақдию назарии вай донистан, аз бартариҳои илмии кори диссертатсионӣ ба шумор меояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Сохтори диссертатсия ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ мутобиқ буда, аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёт ва рӯйхати интишороти илмии муаллиф иборат мебошад. Бинобар талабот нисбат ба ҳалли вазифаҳои илмӣ, бобҳои диссертатсия ба фаслҳо ва чанд фасли ду боб ба зерфаслҳо низ ҷудо шудаанд. Чунин сохтори мантиқӣ барои пайдарпай ва мукаммал баён гардидани масъалаҳои таҳқиқ мусоидат намуда, фарогирии ҳамаҷонибаи мавзуи интихобшударо таъмин намудааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ ва дараҷаи таҳқиқи он баррасӣ гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ муайян карда шудааст. Ҳамчунин, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети он, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмии таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо асоснок карда шудаанд. Илова бар ин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин саҳми шахсии диссертант дар анҷом ва таҳияи таҳқиқот ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд.

Мавзуи «**Аз таърихи аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон**» **боби аввали** диссертатсияро фароҳам овардааст ва он тавассути се фасли асосӣ муҳокима ва баррасӣ гардидааст.

**Фасли якуми** боби аввали диссертатсия ба масъалаи «**Оғози шинохт ва зикри Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳо**» ихтисос дода шудааст. Муаллифи диссертатсия бо такя ба тазкираҳо ва осори бадеӣ нишон медиҳад, ки Аҳмади Дониш ҳануз аз ҷониби ҳамзамононаш ҳамчун донишманд, шоир, нависанда ва мутафаккири барҷаста эътироф гардида буд. Ҳамзамон, ҷойгоҳ ва бозтоби симои ӯ дар осори адибони баъдӣ, бахусус дар таълифоти Садриддин Айнӣ, ба таври илмӣ арзёбӣ шудааст. Бо ҳадафи ба даст овардани натиҷаҳои воқеӣ, кулли иттилои дастрас тавассути муқоиса ҳаллу фасл гардидааст.

**Фасли дуюм,** ки унвони «**Мухтасар аз таҳлилу таҳқиқи ҳаёту фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон**» дорад, роҷеъ ба саҳми олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар таҳия, нашр ва таҳқиқи осори мутафаккир маълумоти арзишмандро дар худ ҷо додааст. Аммо муаллифи кор танҳо бо таҳлили саҳми муҳаққиқон дар таҳқиқи масъала қаноат накарда, балки аз назари онҳо дар канор мондани андешаҳои адабӣ ва назарии мутафаккирро низ собит намудааст.

**Фасли сеюми** боб – «**Дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик**» аз фаслҳое маҳсуб мешавад, ки дар он андешаҳои ноқидонаи муаллифи диссертатсия изҳор гардидаанд. Унвонҷуй бо назари таҳлилӣ саҳми муҳаққиқонро дар шинохти мероси илмию адабии Аҳмади Дониш нишон дода, ҳамзамон, масъалаҳои то ҳол ҳалталабро муайян менамояд. Ин равиш барои муайян сохтани самтҳои минбаъдаи таҳқиқ ва такмили омузиши мероси илмӣ ва адабии мутафаккир аҳаммияти илмӣ дорад.

Дар **боби дуюми** диссертатсия (**«Заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули андешаҳои адабии Аҳмади Дониш»**) масъалаи мавриди баҳс дар ду фасл ва чор зерфасл баррасӣ гардидааст. Унвонҷуй чор зерфасли бобро маҳз тавассути **фасли аввал – «Заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии андешаҳои адабии Аҳмади Дониш»** мавриду муҳокимаи илмӣ қарор додааст.

*«Муҳити хонаводагӣ ва истеъдоди фитрии Дониш»*, ки **зерфасли якуми** фасли аввали боби дуюми кор аст, нақши муҳити хонаводагӣ ва тарбияи падару модар дар ташаккули шахсият ва истеъдоди Аҳмади Донишро ба таҳлил кашидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки сатҳи маърифати волидайн ва шароити аввалини таълим дар бедор шудани

қобилиятҳои зеҳнӣ ва завқи адабии ӯ таъсири муҳим доштааст. Таъсири осори исломӣ, ҳикояҳо ва муҳити қиссахонӣ ба ташаккули тафаккури Дониш дар **зерфасли дуюм**, *«Таъсири осори исломӣ ва маҳфилҳои қиссахонӣ»* баррасӣ шудааст. Таъкид мегардад, ки ин муҳит дар рушди завқи маънавӣ ва афкори аввалини адабии ӯ нақши назаррас гузоштааст. Муаллиф таъсири осори бузургони адабиёти форсу тоҷик ва муҳити адабии асрро ба таҳаввули ҷаҳонбинии мутафаккир дар **зерфасли сеюм** бо номи *«Нақши адабиёти классикӣ ва муҳити адабии замон»* таҳлил менамояд. Таъкид мегардад, ки ин омилҳо дар ташаккули завқи адабӣ ва мавқеи интиқодии ӯ нисбат ба шеъру шоирӣ нақши муҳим доштаанд. Ва ниҳоят, *«Омузиш ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар»* **зерфасли чоруми** фаслро фароҳам овардааст ва дар он таъсири шиносоии Дониш бо фарҳанг ва тамаддуни халқҳои дигар, махсусан фарҳангу тамаддуни мардуми Русия, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф ба хулоса меояд, ки ин таҷриба ҷаҳонбинии интиқодии донишмандро густариш дода, ба ташаккули афкори маорифпарварона ва адабии ӯ мусоидат намудааст.

**«Назари маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ва таъсири он ба андешаҳои адабии ӯ» фасли дуюми** боби дуюми рисола мебошад, ки дар он маорифпарварии Аҳмади Дониш ҳамчун пояи асосии ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва адабии ӯ баррасӣ шудааст. Муаллиф натиҷагирӣ мекунад, ки вазифаи иҷтимоӣ ва тарбиявии адабиёт дар маркази андешаҳои ӯ қарор дошта, ҳамин омил ба шаклгирии назари интиқодии ӯ ба адабиёти замонаш таъсир расонидааст. Дар натиҷа, андешаҳои адабии Дониш ҳамчун ҷузъи таркибии маорифпарварии ӯ арзёбӣ мешаванд.

**Боби сеюми** кори диссертатсионӣ **«Таҳлили ақидаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш»** ном дорад ва он аз чор фасл иборат аст. Фасли дуюми боб дар навбати худ ба чор зерфасл ихтисос дода шудааст.

**Фасли якум «Муносибати Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ»** мавқеи Аҳмади Донишро нисбат ба шеъру шоирӣ аз ду ҷиҳат – арзёбии мусбат ва интиқодӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Унвонҷӯй нишон медиҳад, ки Дониш аз як тараф шеърро ҳамчун «хислати ҳамида ва санъати писандида» эътироф менамояд, вале аз ҷониби дигар ба гурӯҳи муайяни шоирони замонаш бо назари интиқодӣ ва мазамматомез муносибат мекунад. Ин дудидгоҳӣ дар диссертатсия бо муқоиса ба афкори Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигар классикон шарҳ дода шудааст. Ҳамзамон, таҳлили мавқеи ӯ дар «Наводир-ул-вақоеъ» нишон медиҳад, ки Дониш шеърро дар баробари

дигар касбҳо арзёбӣ намуда, онро дар сурати хидмат ба ҳақиқат ва ахлоқ арзишманд медонад.

**«Истилоҳоти адабӣ ва истифодаи онҳо дар осори Аҳмади Дониш»** фасли дуюми боб аст, ки масъалаҳои мавриди таҳлили он дар чор зерфасл баррасӣ шудаанд. Дар **зерфасли аввал**, ки *«Мафҳум ва ҳадафи сухан аз нигоҳи Аҳмади Дониш»* унвон гирифтааст, дарки «сухан» ҳамчун категорияи марказии андешаи адабии Дониш ба баҳс кашида шудааст. Натиҷагирӣ мешавад, ки Аҳмади Дониш сухани ҳақро ҳадяи илоҳӣ донista, онро василаи ифшои ҳақиқат ва тарбияи маънавӣ мешуморад. Муаллифи кор андешаи мазкури мутафаккирро дар муқоиса ба афкори гузаштагон таҳлил мекунад ва ба хулоса меояд, ки мавқеи Дониш дар ин маврид бо андешаҳои ирфонӣ ва назари Носири Хусрав ҳамоҳангӣ пайдо мекунад. **Зерфасли дуюм** ба баррасии масъалаи *«Мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам»* дар осори Аҳмади Дониш бахшида шудааст. Муаллифи кор «аҳли қалам»-ро дар осори Дониш ҳамчун қишри иҷтимоии масъул дар рушди давлат ва ҷомеа таҳлил мекунад. Нишон дода мешавад, ки шоирон, адибон ва уламо низ ба ин гурӯҳ дохил шуда, дар низоми фикрии ӯ нақши муҳими иҷтимоӣ доранд. Дар **зерфасли сеюм** масъалаи *«Шарҳ ва истифодаи истилоҳҳои шароеъ, саноеъ, бадоеъ, фасоҳат ва балоғат»* ҳаллу фасл шудаанд. Зикр мегардад, ки Дониш «бадоеъ»-ро на танҳо ба маънои санъати адабӣ, балки ба маҷмуи илмҳои ҳунарӣ ва ақлонӣ татбиқ мекунад. Фасоҳат ва балоғат бошад, ҳамчун меъёри комилияти сухан ва таъсири маънавии он шарҳ дода мешаванд. Хулосаи унвонҷуй дар ин маврид чунин аст, ки Аҳмади Дониш мафҳумҳои зикршударо асосан ба маънои истилоҳии онҳо истифода намудааст. **Зерфасли чоруми** фасл *«Истифодаи истилоҳоти навъ ва жанрҳои адабӣ»* ном дорад. Дар ин зерфасл муносибати Дониш ба жанрҳои адабӣ, аз ҷумла ҳикоят, ривоят, рубоӣ, ғазал, қасида ва мухаммас баррасӣ шудааст. Муаллифи рисола нишон медиҳад, ки ӯ ин жанрҳоро на танҳо номбар мекунад, балки хусусиятҳои истилоҳии онҳоро низ муайян менамояд. Ҳикоят дар назари ӯ воқеӣ, вале афсона тахайюлӣ мебошад; рубоӣ жанри кӯтоҳ ва ғазалу қасида дорои вазифаҳои хоси маънавӣ арзёбӣ мешаванд.

**Фасли сеюми** боби сеюми диссертатсия ба яке аз масъалаҳои марказии илми каломи бадеъ, **«Шеър ва ҳунари шоирӣ аз нигоҳи Аҳмади Дониш»** бахшида шудааст. Дар ин фасл шеър ҳамчун санъати нафиса ва воситаи ифодаи маънӣ аз назари мутафаккир таҳлил шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки Дониш ҷонибдори шеъри мазмундор, ахлоқӣ ва ҳақиқатнигор

буда, шеъри фаҳш ва мадҳи дурӯғинро рад мекунад. Ӯ шеърро меъёри шинохти сатҳи маънавии инсон мешуморад ва дар ин замина мафҳуми «шоири комил»-ро низ муайян менамояд.

Дар **фасли чаҳоруми** боби сеюми кори диссертатсионӣ **«Назар ва андешаҳои нокидонаи Аҳмади Дониш»** мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Таъкид мегардад, ки Аҳмади Дониш на танҳо ба таври умумӣ, балки нисбат ба ашъори шоирони алоҳида ва ҳатто тазкираҳо мавқеи интиқодӣ мегирад. Таҳлили шарҳи ӯ ба осори Бедил ва шоирони ҳамзамон нишон медиҳад, ки Дониш дорои нигоҳи мустақил ва интиқодии адабӣ мебошад. Ин фасл ӯро ҳамчун яке аз пешоҳангони накди адабии тоҷик муаррифӣ менамояд.

Дар маҷмуъ, боби сеюм сатҳи баланди таҳлилӣ дошта, андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Донишро дар се самти асосӣ – шеършиносӣ, истилоҳшиносӣ ва накди адабӣ ба таври системавӣ ва мукаммал ошкор месозад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 13 банд оварда шудаанд, ки аксари онҳо натиҷаи ковишу баррасиҳои пурвусъати худи муаллифи диссератсия мебошад. Сарчашмаҳои таърихию адабӣ, адабиёти таҳқиқотӣ, ки дар диссертатсия истифода шудаанд, аз як тараф густурдагӣ ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳанд, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии диссертатсия мебошанд. Баҳсҳои илмии диссертант бо муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар бисёре аз масъалаҳои марбут ба илми адабиётшиносӣ арзиши илмии диссертатсияро дучанд меафзоянд. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводи нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 4 номгуйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли

2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад. Бар замми ин, лаёқати баланди илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот доранд ва мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда дорои дастовардҳои назарраси илмию таҳқиқӣ мебошад. Бо вуҷуди чунин дастовардҳо, дар матни диссертатсия ва раванди андешаронии муаллифи он баъзе камбудҳо ба назар расиданд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд:

1. Муқоисаи андешаҳои назарӣ ва адабии Аҳмад Махдуми Дониш бо андешаҳои монанд ё хилофи намояндагони дигари адабиёти миллии мо, аз ҷумла Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва баъзе намояндагони адабиёти ирфониву суфиёна аз ҷиҳатҳои аҳсани кори диссертатсионӣ мебошад. Вале ин нукта бояд зикр гардад, ки масъалаи мазкур ба таври қаноатбахш мавриди таҳлил қарор нагирифтааст, ҳол он ки руҷуи жарфтар дар масъала натиҷаҳои бештари илмиро ба бор оварда метавонист.

2. Унвонҷуй роҷеъ ба муносибати тазкиранигор Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Аҳмад Махдуми Дониш, хосса ворид нагардидани исми мутафаккир ба тазкираи Раҳматуллоҳи Возеҳ ба таври муҷмал иттилоъ дода, то андозае сабабашро аз нигоҳи хеш изҳор медорад (саҳ.19-20). Дар идома таҳқиқу таҳлили ин масъаларо ба дигарон ҳавола доштааст, ки бояд худ ҳаллу фасл менамуд. Агар масъала бештар таҳқиқ меёфт, маълум мегардид, ки маҳз ҳунари эҷоди Аҳмади Дониш мавриди писанди Қорӣ Раҳматуллоҳ нагардидааст. Чунин бархурд бо вазъ боис мешуд, то ҳунар ва салиқаи Аҳмад Махдуми Дониш аз нигоҳи дигар низ тафсиру таъбир гардад.

3. Ҳадафи марказии кори диссертатсионӣ муайян намудан ва ба таҳлил кашидани андешаҳои назарию адабии Аҳмади Дониш аст ва бояд таъкид кард, ки унвонҷуй ба таври комил ба ин ҳадафи худ расидааст. Аммо барои боз ҳам тақвият бахшидани натиҷаҳои бадастомада ва боло бурдани дараҷаи илмии кор зарур буд номувофиқатии истифодаи баъзе аз истилоҳоти адабиётшиносӣ дар андешаи мутафаккир низ гуфта шаванд.

4. Дар матни диссертатсия истифодаи ду шакли баъзе калимаҳо ба назар мерасад, ки ҳамчун ғалати имлоӣ қабул мегардад. Барои мисол,

калимаи “пажуҳиш” дар бисёре аз саҳифаҳои рисола дар шакли “пажӯҳиш” низ омадааст (руҷуъ шавад ба матни муқаддима ва хулосаи кори диссертатсионӣ).

5. Дар чанде аз саҳифаҳои диссертатсия дар зикри исми Аҳмади Дониш ба ғалат роҳ дода шудааст ва он дар шакли “Аҳамад” омадааст (саҳ. 88; 151). Инчунин дар навишти истилоҳи “аҳмадидонишшиносӣ низ чунин ғалат роҳ ёфтааст (саҳ. 167).

Аммо ба ҳеҷ ваҷҳ, камбудиҳои зикршуда арзиши илмии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар сатҳу савияи зарурии илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи тақризшаванда маълумоти зиёд ва далелҳои ҷолиби таҳлилию адабӣ гирифтан мумкин аст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро ҳамчун дастоварди тоза дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ намудан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод гардидаст, бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои бамиёнгузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Наимзода Қудратулло Қаҳор омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 30-юми июни соли 2026, суратҷаласаи №11 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи адабиёти тоҷики
ДДБ ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Аҳмадов Сафармад Гадомадович

Эксперт:
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Наимзода Қудратулло Қаҳор

Котиби илмии ҷаласа:
доктори PhD аз рӯйи ихтисоси
Филология Фақиров Хурсандмурод Насруллоевич

Имзоҳои С. Аҳмадов, Қ. Наимзода ва Х. Фақировро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»: Исҳоқзода М.М.

Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел. (992-32222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: bgu-78@mail.ru, web-сайт: www.btsu. tj
«2» июли соли 2026.